**Мактуби дастурӣ-методӣ оиди гузаронидани аттестатсияи давлатии хотимавии хонандагони синфҳои 9 ва 11 аз забони модарӣ (қирғизӣ, русӣ, ӯзбекӣ ва тоҷикӣ)**

Тибқи фармони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон № 939\1 аз 11 март 2023 сол Аттестатсияи давлатии хотимавӣ (АДХ) хонандагони синфи 11 аз забони модарӣ ва адабиёт дар шакли эссе гузаронида мешавад.

Мактуби мазкури дастурӣ-методӣ тавсияҳои методӣ ва талаботҳои баҳогузориро дар бар мегирад.

Тибқи низомнома оиди АДХ дар синфи 11 барои эссе 5 соати астрономӣ дода мешавад. Ба вақти имтиҳон вақте, ки барои чорабиниҳои омодагӣ ҷудо шудааст, дохил намешавад. Ба хонандагон дар вақти имтиҳон танаффус (15-20 дақиқа) ҷудо карда мешавад.

**Эссе** – ин жанри адабиёт, иншои насрии ҳаҷман хурд ва сохтораш озод мебошад, ки эҳсосу тасаввури инфиродӣ, афкорро оиди масъалаи мушаххас дар бар мегирад, мақсади шарҳи муфассали мавзӯъро намегузорад..

**Мақсади** навиштани эссе ба сифати имтиҳон ин тафтиши малакаҳои хонандагон дар тасвири эҷодии мавзӯи интихобшуда, ифода кардани фикри худ оиди масъалаи гузошташуда, бо асосноккунии мавқеи худ аст.

Ин намуди кор барои муайян кардани сатҳи зерини хонанда имкон медиҳад:

– пайдарҳам ва мантиқи матнро тибқи масъалаи гузошташуда месозад ва афкори худро баён мекунад;
– далелҳоро асоснок мекунад, қисми мухтасари далелиро бо намунаҳо меорад;
– малакаҳои афкори тахайюлӣ ва интиқодиро нишон медиҳад;
– матни хаттиро тибқи меъёрҳои орфографӣ, аломатҳои китобатӣ месозад;
– гуногунии захираи луғавиро нишон медиҳад.

Барои навиштани эссе омӯзиши маводҳо, созмони афкори шахсӣ, тасаввури шахсӣ оиди мавзӯи мушаххас зарур аст. Барои интихоби хонандагон 3 матн бо масъалаҳои гуногун пешниҳод мешаванд:

- матни бадеӣ-наср,
- матни бадеӣ-назм,
- матни публисистӣ.

Мавзӯи матн барои ҷудо кардани ин ё он масъалаи баррасишаванда имкон медиҳад. Ҳангоми ин ҳатмӣ нест, ки хонанда мавқеи дар матн изҳоршударо дастгирӣ кунад. Дар замимаи 1 намунаи матн барои навиштани эссе бо супоришҳо пешниҳод шудааст. Матнҳо барои навиштани эссе ба талаботҳои интихоб мутобиқанд ва бо вазорат ба мувофиқа оварда шудаанд (Замимаи 2). Барои омодакунии хонандагон ба навиштани эссе тавсияҳо ва қолабҳои нутқӣ дода шудаанд, ки барои матни мантиқан дурустро сохтан кӯмак мекунанд (Замимаи 3). Барои тафтиши эссе талаботҳои баҳогузорӣ

таҳия шудаанд (Замимаи 4).

Ҳангоми омодакунии хонандагон ба навиштани эссе бояд:

1. Хонандагонро бо талаботҳо нисбати эссе ва талаботҳои тафтиши он ошно кардан зарур аст;
2. Таҳлили марҳиланоки ҳар як талаботро амалӣ кардан зарур аст;
   а) масъалаҳои матн, намудҳои масъалаҳо, тарзҳои ҷудо кардани матн, тарзҳои тарҳрезии масъала;
   б) шарҳҳо, намудҳои шарҳҳо, тарзи сохтани онҳо;
   в) муайян кардани мавқеи муаллиф ва тарзи тарҳрезии он;
   г) асосноккунии мавқеи шахсӣ, намудҳои далелҳо;
3. Гузаронидани кор оиди композитсияи эссеи асоснок;
4. Ташкили кор оиди навиштани эссе ва тафтиши ҳамдигарии корҳо тибқи талаботҳои баҳогузорӣ.

Матнҳое, ки барои эссеи мавзӯӣ пешниҳод шудаанд, масъалаҳои зеринро дар бар мегиранд:

- Масъалаи хотираи таърихӣ (барои чӣ инсон дар бораи гузашта ёд мекунад? Оилаи худ ва ватанро дӯст доштан чӣ маъно дорад?);
- Масъалаи устувории маънавии инсон;
- Масъалаи таъсири инсон ба табиат (дараҷаи таъсири инсон ба табиат чӣ гуна аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар чист?);
- Масъалаи қабули табиат аз ҷониби инсон чун моддаи зинда (оё инсон бояд табиатро чун чизи зинда эҳсос намояд, оиди он ғамхорӣ кунад?);
- Масъалаи ғайриодилона будани сохти иҷтимоии ҷомеа (оё одамонро ба боён ва гадоён ҷудо кардан дуруст аст, ҷомеа дуруст сохта шудааст?);
- Масъалаи интихоби касб бо назардошти манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ (ҳангоми интихоби касб манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ мувофиқат карда метавонанд?);
- Масъалаи масъулияти инсон дар назди худ ва ҷомеа (оё инсон метавонад аз ҷомеа, аз одамони дигар озод бошад?);
- Масъалаи музднок шудани маданият;
- Мушкилоти танҳоӣ, беэътиноӣ ба шахсони наздик;
- Мушкилоти падарону фарзандон;
- Масъалаи интихоби маънавӣ дар ҷанг;
- Масъалаи такмили инсон зери таъсири олами мавзун;
- Масъалаҳои экологӣ;
- Мавқеъ ва аҳамияти нон дар ҳаёти одам;
- Масъалаи муҳаббат;
- Масъалаи муҳаббати волидайн;
- Масъалаи дӯстиву рафоқат;

- Масъалаи масъулият барои коре, ки ба он хизмат мекунӣ;
- Масъалаи боварӣ ва хиёнат дар муносибатҳои шахсӣ;
- Занон ва ҷанг.

Хонанда бояд яке аз масъалаҳои дар матн гузошташударо интихоб кунад, сохтори эссеро пурра фикр намояд ва баъдан эссеро оиди мавзӯъ дар ҳаҷми 150-300 калима нависад.

Эссе бояд саҳеҳ ва хоно бо риояи меъёрҳои нутқ навишта шавад. Ҳангоми навиштани эссе хонанда метавонад далелҳоро бо такя ҳам ба мундариҷаи асарҳои бадеӣ, ҳам дар асоси таҷрибаи ҳаётии худи хонанда нависад (эҳсосоти шахсӣ, афкори шахсӣ оиди мавзӯъ ва ғ.).

Ба иштирокчиёни имтиҳон истифода намудани хрестоматияҳо, матнҳои иасарҳо, луғатҳои имло ва шарҳдиҳанда, феҳрастҳои иборaҳои рехта ва маҷозӣ иҷозат дода мешавад.